**Парки технологии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

ПТ "ТОҶ"-и ДДТТ дар масоҳати 250 м$^2$ ҷойгир буда дар он 7 нафар кор ва фаъолият мекунанд. Муассиси ПТ "ТОҶ" ДДТТ буда фаъолияти онро маблағгузорӣ менамояд.

Мақсади асосии Парки технологии "ТОҶ" мусоидат намудан ба болоравии сифати таҳсилот, пажуҳиш ва такмили ихтисоси мутахассисони сатҳи гуногуни самтҳои технологияи маҳсулоти хӯроки умумӣ, хизматрасонӣ дар муассисаҳои меҳмонхонадорӣ, дузандагӣ, истеҳсолӣ ва тарроҳӣ, пухтупази маводи қаннодӣ, тавассути таҳия ва истифодаи технологияҳои муосири тадрис, омӯзиш, пажуҳиш ва таҷрибаомӯзӣ мебошад:

- амалӣ намудани фаъолияти илмӣ – тадқиқотӣ дар соҳаи технологияи муосир;
- мусоидат намудан ба пешрафти технологияи муосир ва омӯзишӣ;
- татбиқи стандартҳои байналмилалӣ оид ба касбомӯзи, илм ва технология;
- мусоидат дар бунёд ва ба роҳ мондани технологияи нави истеҳсолӣ дар самти технологияи маҳсулоти хӯроки умумӣ ва хизматрасонии муассисаҳои меҳмонхонадорӣ, тарҳрезии пироҳанҳои навин, истеҳсолот ва тарроҳии муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. ПТ "ТОҶ"-и ДДТТ бо мақсади омода намудани мутахассисони соҳаҳои сайёҳӣ, тарроҳӣ, технологияи истеҳсоли маводи хӯрокворӣ, технологияи хуроки умумӣ, хизматрасонӣ дар самти меҳмоннавозӣ ва меҳмонхонадорӣ ба роҳ монда шудааст.